*Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013*
*назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес*
*ва сиёсати Тоҷикистон*
*(735700, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, бинои 1)*

**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғозибеков Садриддинбек Арсланбекович ба рисолаи диссертатсионии Ғолибҷон Ғаниевич дар мавзуи «Ташаккул ва такмили стратегияи маркетингии корхонаҳои саноатӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодии аз рӯи ихтисоси 08.00.10- Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (Маркетинг)**

Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич соли 2017 факултаи молия ва баҳисобгирии бухгалтерии МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд” - ро бо муваффаққият хатм намудааст. Аз соли 2019 ба кафедраи молия ва қарзи ДИС ДДТТ ба кор қабул шуда, то ҳол дар кафедраи мазкур фаъолият дорад.

Дар марҳилаи муосир, бо шарофати татбиқи самараноки як қатор стратегияҳои рушди устувори кишвар ва тавсеаи соҳаи соҳибкорӣ, бахусус тиҷорати хурд, заминаҳои мусоид барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ, танзими бозори истеъмолӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои истеҳсолӣ муҳайё гардиданд. Инчунин, фаъолияти соҳаҳои молиявию қарзӣ бо суръат рушд ёфта, заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бозорӣ ва низоми назорати давлатӣ такмил ёфтанд. Дар натиҷа, рақобат дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти миллӣ — истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ — шиддат гирифт ва ин раванд зарурати таҳлили амиқи масъалаҳои маркетинги байналмилалиро ба миён овард.

Дар чунин шароити иқтисодӣ, ҳамаи корхонаҳо бояд фаъолияти худро бар асоси принсипҳои маркетинг ташкил дода, муносибати муташаккилона бо мизоҷонро роҳандозӣ намуда, хизматрасониро бо

сифати баланд ва дар муҳлати зарурӣ иҷро намоянд. Ин раванд боиси ташаккули сармояи молиявии миллӣ ва дастгирии истеҳсолоти ватанӣ мегардад.

Ин тағйироти куллӣ дар муҳити иқтисодӣ ниёз ба таҳияи стратегияҳои муассири маркетингиро зиёд кардааст. Дар ин раванд, нақши муассисаҳои идоракунӣ, психологияи бозории роҳбарон ва рушди малакаҳои идоракунии тиҷорат аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намудаанд.

Таҳқиқоти Юсупов Ғ.Ғ. ба чунин масъалаҳои мубрами рушди иқтисодии минтақа ва коркарди механизмҳои самараноки стратегияи маркетингӣ равона гардида, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Мавзӯи таҳқиқот – таҳлили ташаккул ва такмили стратегияи маркетингӣ дар корхона – дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди соҳибкории ватанӣ, дорои аҳамияти хоса мебошад.

Дар ҷараёни иҷрои рисолаи диссертатсионӣ, муаллиф аз манбаъҳои гуногуни илмии олимони ватаниву хориҷӣ истифода бурда, маводи оморӣ ва маълумоти амиқи соҳаиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда имкони муайян намудани қонуният, равандҳо ва мушкилоти мавҷударо фароҳам овардааст.

Юсупов Ғ.Ғ. дар ҷараёни таҳияи рисола худро ҳамчун муҳаққиқи содиқ, заҳматкаш ва дорои дониши амиқи назариявӣ ва таҷрибавӣ нишон додааст. Дар кори илмии ӯ моҳияти стратегияи маркетингӣ, равишҳои ташаккул ва такмили он, мушкилоти амалишавӣ, таҳлили рафтори истеъмолкунандагон ва рақибон, механизмҳои татбиқ ва такмили стратегия дар шароити муосири бозор, инчунин истифодаи технологияҳои замонавии тадқиқоти маркетингӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқот қобилияти баланди илмӣ ва малакаи хуби таҳлилӣ зоҳир намуда, тавонистааст вазифаҳои асосии рисоларо дар сатҳи баланд иҷро намояд. Ӯ инчунин дорои ахлоқи ҳамида, муоширати хуб ва фарҳанги баланди шахсӣ мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар рисолаи диссертатсионӣ пурра иҷро гардида, хулоса ва пешниҳодҳои он аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ арзишманд мебошанд. Дар маҷмӯъ, рисолаи илмии Юсупов Ғолибҷон Ғаниевич ба талаботҳои муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) мебошад.

Роҳбари илмӣ, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи менеҷмент ва маркетинги
МДТ "Донишкадаи иқтисод ва савдои
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд", ________________ Ғозибеков С.А.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ғозибеков С.А.- ро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд ________________ Маҳмудов Ш.У.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
кӯчаи Исмоилӣ Сомонӣ, 169
тел:+992 (3422) 6-03-21
info@iet.tj